**«Тасдиқ мекунам»**

**Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

**д.и.х, профессор Насриддинзода Э.С.**

_______________________________

__________________________ **2025 с.**

# ХУЛОСАИ
# ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

Диссертатсияи Тағойназаров Амриддин Қутбидинович дар мавзӯи «Асосҳои назариявии таҳқиқи соҳибкории давлатӣ ва бахши давлатӣ дар шароити муосир» дар кафедраи умумидонишгоҳии назарияи иқтисодии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро шудааст.

Дар давраи омодасозии диссертатсия Тағойназаров Амриддин Қутбидинович унвонҷӯй аз руйи ихтисоси 08.00.01.01- Назарияи иқтисодӣ (назарияи умумии иқтисодӣ (иқтисоди сиёсӣ) ба ҳисоб меравад.

Тағойназаров Амриддин Қутбидинович солҳои 2007-2012 дар шуъбаи рузонаи ихтисоси 060700-Иқтисоди миллии факултети иқтисод ва идораи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон таҳсил намудааст.

Имтиҳонҳои номзадиро аз фанҳои забони хориҷӣ (англисӣ) 4 (хуб), суратҷаласаи №1 аз 08.05.2021), таърих ва фалсафаи илм 4(хуб), суратҷаласаи №1 аз 22.09.2021), имтиҳони номзадиро аз ихтисоси 08.00.01–Назарияи иқтисодӣ 4(хуб), суратҷаласаи №03 аз 30.11.2023 дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон супоридааст.

Роҳбари илмӣ Фозилхонов Дилшод Отаҷонович номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи назарияи иқтисодӣ ва иқтисоди ҷаҳонии Донишгоҳи славянии Тоҷикистону Россия мебошад.

Тибқи қарори маҷлиси кафедраи умумидонишгоҳии назарияи иқтисодии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 09.03.2021 №8 мавзуи унвонҷӯй аз руйи ихтисоси (08.00.01.01- назарияи иқтисодӣ (назарияи умумии иқтисодӣ (иқтисоди сиёсӣ) Тағойназаров Амриддин

Қутбидинович бо номи «Асосҳои назариявии таҳқиқи соҳибкории давлатӣ ва бахши давлатӣ дар шароити муосир» тасдиқ гардид.

Дар натиҷаи муҳокимаи диссертатсия дар мавзӯи «Асосҳои назариявии таҳқиқи соҳибкории давлатӣ ва бахши давлатӣ дар шароити муосир», чунин хулосаҳо бароварда шуд:

1. **Баҳодиҳии иҷрои диссертатсия.** Диссертатсияи Тағойназаров Амриддин Қутбидинович дар мавзӯи «Асосҳои назариявии таҳқиқи соҳибкории давлатӣ ва бахши давлатӣ дар шароити муосир», ба яке аз мавзуҳои мубрами замони имруза, яъне соҳибкории давлатӣ ва бахши давлатӣ равона карда шудааст. Муаллиф бори аввал дар кишвар ба ин масъала аз нигоҳи илмӣ таваҷҷуҳ зоҳир намуда, оид ба нақши бахши давлатӣ, соҳибкории давлатӣ дар рушди иқтисодӣ, таъмини шуғли аҳолӣ таҳқиқоти назаррас анҷом додааст. Инчунин муаллиф таҳқиқоти илмии худро бо забони давлатӣ дар сатҳи баланд навиштааст ва он кори анҷомёфта ба ҳисоб меравад. Аз раванди муҳокимаронӣ ва тақризҳои пешниҳодгардида бар меояд, ки мақсад ва вазифаҳои диссертатсия иҷро гардида, пешниҳодҳо ва хулосаҳои муаллиф асоснок карда шудаанд.

2. **Робитаи таҳқиқот бо барномаҳои илмӣ (лоиҳаҳо) ва мавзӯъҳо:** Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар доираи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, Барномаи рушди босуръати саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025, Барномаи рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020, Барномаи давлатии мусоидат ба содирот ва воридотивазкунӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020, иҷро гардидааст. Ичунин мавзӯи диссертатсияи мазкур ба нақшаи корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи назарияи иқтисодии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 алоқаманд мебошад.

3. **Истифодабарии натиҷаҳои таҳқиқот дар амалия.** Муқаррароти назариявии дар диссертатсия пешниҳодшуда дар раванди такмили

низоми идоракунии корхонаҳои давлатӣ, такмили низоми соҳибкории давлатӣ истифода карда шудаанд, ки бо санади татбиқ аз муассисаи давлатии «Маркази татбиқи лоиҳаҳои шарикии бахши давлат ва хусуси»-и Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон исботи худро ёфтааст (санади татбиқ 1к/56 аз 02.01.2025).

Муқаррароти алоҳидаи он ҳангоми гузаштани дарсҳо аз фани «Назарияи иқтисодӣ», «Микроиқтисод» «Иқтисоди корхонаҳо» дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон истифода мешаванд.

**4. Муҳимияти иҷтимоии таҳқиқот** дар он зоҳир мегардад, ки рушди соҳибкории давлатӣ ба афзоиши ҳаҷми маҳсулоти ҷамъиятӣ, баландбардоштани сатҳи некуаҳволии аҳолӣ ва таъмини рушди босуботи иқтисодӣ мусоидат менамояд.

5. **Мақсади таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Мақсади таҳқиқоти диссертатсионӣ пеш аз ҳама омузиши масъалаҳои назариявӣ ва институтсионалии ташаккул ва рушди соҳибкории давлатӣ баҳисоб меравад. Инчунин яке аз ҳадафи таҳқиқоти мазкур коркардаи хулосаю пешниҳодҳо, муайянкунии омилҳои таъсиррасон ба рушди соҳибкории давлатӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ мебошад.

**6. Навгониҳои илмии рисола.** Дар он зоҳир мегардад, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон маротибаи аввал масъалаҳои марбут ба соҳибкории давлатӣ, самтҳои фаъолияти он, омилҳои асосии ба он таъсиррасонанда дар маҷмуъ мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст. Инчунин навгонии таҳқиқоти илмӣ дар асосноккунии назариявӣ ва амалии соҳибкории давлатӣ ҳамчун мафҳуми иқтисодӣ зоҳир мегардад.

**Натиҷаҳои нисбатан муҳими аз ҷониби муаллиф дар ҷараёни таҳқиқоти илмӣ бадастомада дар самтҳои зерин ифода ёфтаанд:**

дар асоси омузиши манбаҳои назариявӣ, равишҳои консептуалии мавҷуда оиди соҳибкории давлатӣ таърифи муаллифии соҳибкории давлатӣ пешниҳод карда шуд. «Соҳибкории давлатӣ ҳамчун фаъолияти соҳибкории корхонаҳои давлатӣ, ташкилотҳо ва фирмаҳо бо иштироки

сармояи давлатӣ баҳисоб меравад, ки ба расидан ва нигоҳдошти мувозинати мароиқтисодӣ, истеҳсоли неъматҳои ҷамъиятӣ ва ҳамзамон бартарафсозии ҳолати буҳронӣ дар иқтисод равона шудааст»;

- дар асоси омузиш ва таҳлили масъалаҳои назариявӣ ва консептуалии соҳибкории давлатӣ шакли иштироки давлат дар соҳибкории давлатӣ муайян карда шуд: фаъолияти давлат ҳамчун соҳибкор тавассути иштирок дар идоракунии корхонаҳо, ташкили низоми таклифоти сармояи давлатӣ, шарикии бахши давлат ва хусусӣ дар амалисозии лоиҳаҳо ва тавассути амалисозии низоми фармоишҳои давлатӣ муайян карда мешавад;

- вазъи муосири соҳибкории давлатӣ ва бахши давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳлил ва омузиш қарор дода шудааст. Натиҷаи таҳлили вазъи соҳибкории давлатӣ, фаъолияти корхонаҳои воҳиди давлатӣ ва ҷамъиятҳои саҳомии кушода бо ҳиссаи давлат нишон додааст, ки корхонаҳои давлатӣ, ки дар заминаи он соҳибкории давлатӣ амалӣ мегардад хусусияти яккаҳукмронӣ доранд ва дар соҳаҳои муҳими иқтисоди миллӣ ташкил карда шудаанд. Инчунин фаъолияти соҳибкории давлатӣ натанҳо дар соҳаҳое, ки аз назари бахши хусусӣ дур мондаанд, балки дар соҳаҳое ташкил карда шудааст, ки барои фаъолияти муътадили бахши хусусӣ мусоидат намекунад;

- шарикии бахши давлат ва хусусӣ ҳамчун бахши муҳими иштироки давлат дар лоиҳаҳои сармоягузорӣ, амалигардонии барномаҳои иҷтимоӣ муайян карда шуд. Нишон дода шуд, ки давлат дар шароити муосир дар ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ аз шарикии бахши давлат ва хусусӣ васеъ истифода менамояд. Ҷанбаҳои институтсионалӣ барои ташаккул ва рушди шарикии бахши давлат ва хусусӣ мукамал карда шуда самаранокии лоиҳаҳои ШБДХ асоснок карда шуд;

- исбот карда шуд, ки соҳибкории давлатӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ нақши назаррас дошта дар якҷоягӣ бо бахши хусусӣ дар таъмини рушди иқтисодӣ саҳмгузор мебошанд. Инчунин дар кори диссертатсионӣ

хусусиятҳои фарққунандаи соҳибкории давлатӣ аз бахши хусусӣ муайян карда шудааст;

- самтҳои асосии такмили бахши давлатӣ ҳамчун омили рушди соҳибкории давлатӣ асоснок карда шуданд. Муайян карда шудааст, ки дар шароити муосир муҳимтарин самтҳои такмили бахши давлатӣ ва соҳибкории давлатӣ вусъат бахшидан ба рушди шарикии давлат ва бахши хусусӣ, инчунин муайян намудани самтҳои афзалиятноки соҳибкории давлатӣ, инчунин такмили механизми танзими он маҳсуб меёбад. Дар асоси SWOT - таҳлили фаъолияти соҳибкории давлатӣ бартариҳо, имкониятҳо, тарафҳои заиф ва хатарҳои соҳибкории давлатӣ ошкор карда шудааст.

**7. Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Ҳамаи давраҳо ҷиҳати иҷрои нақшаи кории илмӣ аз ҷумла, таҳияи мавзӯъ, асосноккунӣ ва мубрамияти он, мақсади гузошташуда ва иҷрои вазифаҳои он бо иштироки бевоситаи муаллиф гузаронида шудааст. Дар раванди таҳқиқот аз ҷониби муаллиф мафҳуми муаллифии соҳибкории давлатӣ пешниҳод карда шудааст.

**8. Аҳамияти назариявии таҳқиқот.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ пешниҳодҳои назариявию тавсияҳои амалии илман асосноккардашударо оид ба рушди соҳибкории давлатӣ ҳамчун омили таъмини рушди иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фаро гирифтааст. Дар ҷабҳаи назариявии таҳқиқоти диссертатсионӣ заминаҳои назариявии бахши давлатӣ, соҳибкории давлатӣ дар марҳилаи муосир асоснок карда шуданд, ҷанбаҳои консептуалии шарикии бахши давлатию хусусӣ таҳқиқ карда шуданд, нақш ва мақоми соҳибкории давлатӣ дар низоми иқтисоди бозорӣ баррасӣ гардидааст.

**9. Аҳамияти амалии таҳқиқот** аз он иборат аст, ки маводҳо, хулоса ва тавсияҳои илмии пешниҳодгардида, аз ҷониби Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми таҳия ва татбиқи барномаҳои мусоидат ба рушди соҳибкории давлатӣ ҳамчун омили

баланд бардоштани шуғли аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода шаванд. Натиҷаҳои таҳқиқот ба истифодаи мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ ва шаҳрӣ дар раванди таҳияи стратегияҳо ва барномаҳои рушди иҷтимоӣ - иқтисодӣ, муайян кардани самтҳои афзалиятноки рушди соҳибкории давлати, нигаронидашуда, истифода шуда метавонанд.

**10. Усулу тарзҳои таҳқиқоти илмиро** усулҳои умумии илмӣ ва оморӣ, усули банизомдарории ҷадвалӣ, усулҳои графикӣ, усули бузургиҳои нисбӣ ва миёна, низоми нишондиҳандаҳои қаторҳои вақтӣ, усули муқоисаи оморӣ ташкил медиҳанд.

**11. Асосҳои методии таҳқиқотро** принсипҳо ва усулҳои такмили низоми идоракунии корхонаҳои давлатӣ, соҳибкории давлатӣ ташкил додааст. Методи таҳқиқот ин пеш аз ҳама истифодаи усулҳои таҳлил ва синтез, моделсозии математикӣ, усули таҳлили графикӣ ва коркарди маълумотҳо оид ба муайянсозии қонуниятҳои ташкулёбии соҳибкории давлатӣ дар бар мегирад, ки дар таҳқиқоти олимони ватанию хориҷӣ таҳия шудаанд.

**12. Нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда**:

- ✓ пешниҳоди таърифи муаллифии соҳибкории давлатӣ дар асоси омузиши ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии он;
- ✓ асосноккунии назариявии бахши давдатӣ дар марҳилаи муосир ва таърифи муаллифии бахши давлатӣ;
- ✓ таҳқиқи ҷанбаҳои консептуалии шарикии бахши давлатию хусусӣ, арзёбии қисмати назариявӣ ва амалии он;
- ✓ дар асоси таҳлили масъалаҳои назариявӣ ва таҷрибаи ҷаҳонии бахши давлатӣ ва ташкили соҳибкории давлатӣ хусусиятҳои фарқкунандаи он пешниҳод карда шуд;
- ✓ такмили самтҳои асосии фаъолияти соҳибкории давлатӣ ва пешниҳоди чорабиниҳо оиди беҳтарсозии вазъияти камбизоати дар деҳот;

✓ дар асоси SWOT- таҳлили фаъолияти соҳибкории давлатӣ бартариҳо, имкониятҳо, тарафҳои заиф ва хатарҳои соҳибкории давлатӣ ошкор карда шудааст.

**13. Мутобиқати рисола ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуи диссертатсия ба бандҳои зерини Шиносномаи феҳристи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.01 – Назарияи иқтисодӣ (08.00.01.01 – Назарияи умумии иқтисодӣ (иқтисоди сиёсӣ)) 1.1. Сохтор ва қонуниятҳои инкишофи муносибатҳои иқтисодӣ; моликият дар системаи муносибатҳои иқтисодӣ; манфиатҳои иқтисодӣ; давраҳои истеҳсолоти ҷамъиятӣ, сохторҳои моддӣ-шайъӣ ва арзишии он; такрористеҳсоли сармояи ҷамъиятӣ ва инфиродӣ; шаклҳои иқтисодӣ, методҳои хоҷагидорӣ ва сохтори ниҳодӣ; таъсири равандҳои нави технологӣ ба равандҳои ташаккул ва фаъолияти сохторҳои иқтисодӣ ва ниҳодҳо; нақш ва вазифаи давлат ва ҷомеаи шаҳрвандӣ дар амалкарди системаҳои иқтисодӣ; назарияи бахши хусусӣ дар иқтисодиёт; 1.2. Назарияи микроиқтисод: назарияи тақозои истеъмолӣ; назарияи фирма; назарияи ташкилии бозорҳо; назарияи рақобат ва танзими зиддиинҳисорӣ; назарияи мувозинати умумии иқтисодӣ; назарияи иқтисодиёти некуаҳволӣ; алоқамандии некуаҳволии инфиродӣ ва ҷамъиятӣ. 1.4. Назарияи иқтисодии ниҳодӣ ва таҳаввулотӣ: назарияи ҳуқуқи моликият; назарияи хароҷотҳои транзаксионӣ; назарияи ниҳодии фирма; назарияи иқтисодиёти гузаранда ва дигаргуншавии (трансформатсия) системаҳои иқтисодӣ-иҷтимоӣ; интихоби иҷтимоӣ-иқтисодӣ мувофиқат мекунад.

**14. Давраҳо ва пойгоҳи таҳқиқот.** Таҳқиқот дар кафедраи умумидонишгоҳии назарияи иқтисодии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон таи солҳои 2020-2025 таҳия гардидааст.

Тамоми навгониҳое, ки дар диссертатсия ворид гардидаанд ба талаботҳои шиносномаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз руйи ихтисоси 08.00.01.01- Назарияи иқтисодӣ (назарияи умумии иқтисодӣ (иқтисоди сиёсӣ) мутобиқат менамояд.

Вобаста ба мавзӯи тадқиқот 12 мақолаи илмӣ ва илмӣ-методӣ яъне 5,4 ҷузъи чопӣ (дар яккамуаллифӣ ва ҳаммуаллифӣ), аз он ҷумла 6 мақола дар маҷаллаҳо ва нашрияҳое, ки аз ҷониби КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия шудаанд, ба табъ расидаанд.

**Интишорот аз руйи мавзуи диссертатсия**

**А) Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд.**

[1-М]. Тағойназаров А.Қ. Асосҳои назариявии рушди бахши давлатӣ дар марҳилаи муосир [Матн] / Тағойназаров А.Қ. // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. -2023. -№10-1. –С. 123-133.

[2-М]. Тағойназаров А.Қ. Соҳибкории давлатӣ дар низоми иқтисоди бозорӣ [Матн] / Тағойназаров А.Қ. // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. -2024. -№1. –С. 82-89.

[3-М]. Тағойназаров А.Қ. Хусусиятҳои асосии соҳибкории давлатӣ [Матн] / Фозилхонов Д.О., Тағойназаров А.Қ. // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. -2024. -№9. –С. 124-130.

[4-М]. Тағойназаров А.Қ. Масъалаҳои назариявии омӯзиши соҳибкории давлатӣ дар шароити муосир [Матн] / Фозилхонов Д.О., Тағойназаров А.Қ. // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. -2024. -№10. –С. 78-84.

[5-М]. Тағойназаров А.Қ. Мукаммалсозии самтҳои асосии фаъолияти соҳибкорӣ [Матн] / Тағойназаров А.Қ. // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. -2024. -№12. –С. 256-261.

[6-М]. Тағойназаров А.Қ. Таҳлили имкониятҳои шарикии бахши давлат ва хусусӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Тағойназаров А.Қ. // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. -2025. -№1. –С. 55-62.

**Б) Интишорот дар дигар маҷаллаҳои илмӣ:**

[7-М]. Тағойназаров А.Қ. Саҳми асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар рушди соҳаи сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Тағойназаров А.Қ. / Маводи конфронси илмию амалӣ дар мавзӯи «Менеҷменти маркетингӣ дар соҳаи сайёҳӣ». (18.12.2021) –Душанбе, 2021. –С. 431-445.

[8-М]. Тағойназаров А.Қ. Роҳҳо ва усулҳои пешгирии хавфҳо дар низоми бонкӣ [Матн] / Тағойназаров А.Қ. / Маводи конфронси илмию амалӣ дар мавзӯи «Вазъи низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи пандемияи коронавирус (COVID-19)». (19.12.2021) –Кулоб, 2021. –С. 220-224.

[9-М]. Тағойназаров А.Қ. Дастгирии давлатии рушди соҳибкорӣ вобаста аз механизмҳои андозӣ [Матн] / Тағойназаров А.Қ. / Маводи конфронси илмию амалӣ дар мавзӯи «Муаммоҳои низоми андозбандӣ дар шароити муосир». (15.11.2022) –Душанбе, ДМТ, 2022. –С. 318-331.

[10-М]. Тағойназаров А.Қ. Назария ва методологияи рушди менеҷмент ва маркетинг дар шароити иқтисодиёти рақамӣ [Матн] / Тағойназаров А.Қ. / Маводи конфронси илмию амалӣ дар мавзӯи «Дурнамои рушди менеҷмент ва маркетинг дар иқтисодиёти рақамӣ». (22.11.2022) –Душанбе, ДМТ, 2022. –С. 275-283.

[11-М]. Тагойназаров А.К. Самтҳои асосии мукаммалгардонии сиёсати иқтисодии давлат [Матн] / Тағойназаров А.Қ. / Маводи конфронси илмию амалӣ дар мавзӯи «Равандҳои муосири молиявӣ-қарзӣ: мушкилот ва дурнамо». (07.12.2024) –Душанбе, ДБССТ, 2024. –С. 574-581.

**В) Монографияҳо**

[12-М]. Тағойназаров А.Қ. Муҳити соҳибкорӣ ва менеҷменти инноватсионӣ /монографияи коллективӣ // Масъалаҳои мубрами рушди устувори соҳибкорӣ дар Тоҷикистон: омилҳо, тамоюлҳо ва сармоягузорӣ // Монографияи коллективӣ / Дар зери таҳрири д.и.и., профессор Иброҳимзода И.Р. ва д.и.и., профессор Хоҷаев П.Д. - Душанбе: «Ирфон», 2024. – 459 с.; С. 60-65.

## ҚАРОРИ КАФЕДРАИ НАЗАРИЯИ ИҚТИСОДИИ ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

1. **Диссертатсияи илмии Тағойназаров Амриддин Кутбидинович дар мавзӯи** «Асосҳои назариявии таҳқиқи соҳибкории давлатӣ ва бахши давлатӣ дар шароити муосир», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисод аз рӯи ихтисоси аз руйи ихтисоси 08.00.01.01- назарияи иқтисодӣ (назарияи умумии иқтисодӣ (иқтисоди сиёсӣ), ба талаботи феҳристи ихтисосҳое, ки аз руйи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дараҷаи илмӣ дода мешавад ва бо қарори

раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад.

2. **Диссертатсияи илмии Тағойназаров Амриддин Қутбидинович дар мавзӯи** «Асосҳои назариявии таҳқиқи соҳибкории давлатӣ ва бахши давлатӣ дар шароити муосир», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисод аз рӯи ихтисоси 08.00.01.01- назарияи иқтисодӣ (назарияи умумии иқтисодӣ (иқтисоди сиёсӣ), пешниҳод шудааст, ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-004 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои баррасӣ тавсия карда шавад.

Назорати қарори мазкур ба зиммаи мудири кафедраи “Назарияи иқтисодӣ” вогузор карда шавад.

Диссертатсияи илмии Тағойназаров Амриддин Қутбидинович дар ҷаласаи кафедраи «Назарияи иқтисодӣ»- и Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 21-уми январи соли 2025, суратҷаласаи № 12 муҳокима гардидааст.

Дар ҷаласаи кафедраи “Назарияи иқтисодӣ”- и Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (с/м№ 12, аз 21. 01.2025) иштирок намуданд: – 14 нафар. Ҳуқуқи овоздиҳӣ дошт: – 12 нафар. Барои пешниҳод ба Шурои диссертатсионӣ аз руйи ихтисоси 08.00.01.01- назарияи иқтисодӣ (назарияи умумии иқтисодӣ (иқтисоди сиёсӣ) овоз доданд: тарафдор –12 нафар; зид –нест; Бетараф –нест.

**Раиси ҷаласа:**
мудири кафедраи умумидонишгоҳии
назарияи иқтисодии ДМТ, д.и.и., дотсент **А.К. Комилзода**

**Котиби ҷаласа:**
дотсенти кафедра, н.и.и. **С.А. Юсупов**

имзои Комилзода А.Қ ва Юсупов С.А- ро тасдиқ мекунам.
Сардори раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси ДМТ
“ 24 ” 01 2025 с. **Э.Ш. Тавқиев**